## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи «Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Дар ҳамаи адвори таърихӣ масъалаи омӯзиши адабиёти форсии тоҷикӣ пураҳамият буда, бо он ки то ба имрӯз рӯйи ин нукта садҳо асарҳои таҳқиқӣ иншо шудааст, наметавон гуфт, ки паҳлуҳои мухталифи масоили адабӣ мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор гирифтаанд. Ҳанӯз ҳам дар адабиёти форсии тоҷикӣ адибони бузурге мавҷуданд, ки осору афкори адабии онҳо пажӯҳиши амиқи илмиро тақозо мекунад. Чунончи, то ҳол дар бораи ҷанбаҳои мавзуию поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ кори ҷудогонаи илмӣ рӯйи кор наомадааст.

Дар ҳақиқат, Зуҳурии Туршезӣ яке аз шоирони нуктасанҷ, нозукбаён ва маънитирози форсизабони садаи XVI-XVII дар Ҳиндустон буда, ба таври шоиста мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтани эҷодиёти ӯ як паҳлуи илми адабиётшиносии тоҷикро пурра менамояд. Аз ин ҷо, кори таҳқиқотии Шарипов Ш.Р. айни муддао ва пурарзиш буда, масоили поэтикии ғазалиёти шоири мазкурро ба маърази баҳсу мубоҳиса кашидааст ва далелу хулосаҳои илмӣ гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ вазифаҳои гузоштаи худ (пажуҳиши мавзуъҳои ишқ, тасвири май, андешаҳои ахлоқӣ, мавзуоти дигари иҷтимоӣ, аз ҷумла тасвири шоиронаи табиат ва назари шоир дар бораи инсон, муайян намудани сохтори ғазалиёти шоир, баррасии масъалаи қофияву радиф, матлаъ ва мақтаъ, корбурди вожагон ва таркиботи хос, нишон додани нақши ҳунарсозаҳо: ҳисомезӣ, ҳанҷоршиканӣ ва тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, инчунин, таҳқиқи масъалаи корбурди румузи ранг ва вобастаҳои ададӣ, корбурди воситаҳои маъмули тасвири бадеӣ ва «тасвири иттифоқии бадеӣ», муайян кардани таъсири ашъори шуарои пешин ба ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ва корбурди суннатҳои адабӣ дар ғазалиёти ӯ, пажуҳиши мавзуи мактаби пайравони Зуҳурии Туршезӣ дар масоили маънисозӣ ва тасвирофаринӣ ва дар маҷмуъ, муайян кардани нақши Зуҳурии Туршезӣ дар таҳаввул ва такомули мавзуию маъноии ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд)-ро пурра ҳал карда, дар масъалаи

зуҳуришиносӣ, хусусан, шинохти ғазалиёти ӯ дар илми адабиётшиносии тоҷик заминаи боэътимод гузоштааст.

**Муҳиммияти дигари кори таҳқиқоти**и мазкур боз аз он иборат аст, ки масъалаи шинохти рушди ғазал дар асрҳои XVI-XVII бе таҳқиқи ҳамин масъала пурра нахоҳад буд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас дарҷ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва таҳқиқи масъалаи ҷанбаҳои мавзӯӣ-поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ **аҳаммияти вижа**и илмӣ доранд.

**Саҳми муҳаққиқ** низ бештар дар ин аст, ки як масъалаи тоза ва комилан таҳқиқнашударо пажуҳиш карда, ба мо чанд паҳлуи ғазали шоир: мавзуъ, муҳтаво, сохтор, вазн, мусиқӣ, воситаҳои тасвир, аз ҷумла тасвирҳои иттифоқӣ, таъсирпазирӣ ва таъсиргузориро дар шакли таҳқиқи илмӣ пешниҳод намудааст. Худи довталаби дараҷаи илмӣ низ сареҳан гуфтааст, ки "аз таҳлилу баррасиҳои суратгирифта маълум мешавад, ки Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX, бавижа рушди ин жанр дар шибҳи қораи Ҳинд саҳми шоиста дошта, омӯхтани ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти шоир, ки то ба имрӯз мавриди таҳқиқи илмии ҷудогона қарор нагирифтаанд, ниҳоят мубраманд ва диссертатсияи мазкур дар ин самт қадами нахустин буда, дар он кӯшиш шудааст, ки нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор ёбад" (автореферат, с. 59).

Ҳамин тавр, Шарипов Шариф Раҳмонович дар баробари навиштани диссертатсияи худ барои муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ имкон фароҳам овардааст, ки ба ғазалиёти (асосан, ҷанбаҳои поэтикӣ) Зуҳурии Туршезӣ шинос шаванд ва **аҳамияти муҳимми илми**ро дорост. Ногуфта намонад, ки мавзуи «Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ) ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик **мувофиқати комид дорад.**

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ пешзаминаи омӯзиши мавзуи баррасишаванда дар шарқшиносии Аврупо ва Федератсияи Россия ва дар илми адабиётшиносии Эрону Ҳинду Покистон ва Тоҷикистон нисбатан мукаммал ба қалам дода шуда, дар он таърихномаҳою феҳристҳо, мақолоти алоҳидаю зерфаслҳои асарҳои гуногуни илмию оммавӣ ва, ҳатто, дар сомонаҳои мухталифи иҷтимоии интернетӣ низ истифода шудаанд.

**Навоварии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти Зуҳурии

Туршезӣ дар заминаи меъёрҳои накди адабӣ, асосҳои назарии илми бадеи форсии тоҷикӣ ва арабӣ, равишҳои нави таҳқиқи адабиётшиносӣ, шеършиносӣ дар шакли асари ҷомеъ ва ҷудогонаи таҳқиқотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, дар диссертатсия исбот карда шудааст, ки Зуҳурии Туршезӣ дар ғазалсаройӣ яке аз шоирони муваффақи адабиёти форсии тоҷикӣ буда, соҳиби сабки хос аст ва дар таҳаввулу такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX, бавижа, рушди ин жанри ғиноӣ дар шибҳи қораи Ҳинд накши шоиста дорад. Бидуни омӯхтани ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти шоир наметавон ангезаҳои такомули мавзӯию поэтикии ғазали сабки ҳиндиро дар густараи адаби форсии тоҷикӣ, минҷумла, дар шибҳи қораи Ҳинд дар садаҳои XVII-XIX пурра инъикос кард. Муаллиф кӯшидааст, ки вижагиҳои ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, нақши шоир дар таҳаввули суннатҳои адабӣ: навҷӯйӣ, маъниофаринӣ, тасвирсозӣ, омилҳои меҳварии поэтикии шоир ва нуфузи ӯро дар эҷодиёти шуарои баъдӣ муайян кунад.

Муҳаққиқ дар навиштани диссертатсия аз **равишҳои назариявии** муқоисавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-оморӣ, суратгаройӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, поэтикаи таърихӣ ва сохториву бадеӣ истифода кардааст.

Диссертатсияи доктории Шарипов Ш.Р. аз муқаддима, 5 боб, 22 фасл, 13 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Дар диссертатсия муҳокимаю баҳсҳо, маъхазҳо, натиҷагириҳо саҳеҳ ва ҷолиб буда, муҳаққиқ вабаста ба мавзуи диссертатсия 31 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, ки онҳо мазмуни диссертатсияро пурра инъикос карда, **саҳми шахсии муаллиф**ро собит менамоянд.

**Хулосаҳо**и илмии муҳаққиқ (иборат аз 30 банд) бардоштҳои илмии ӯ буда, дурнамои мавзуи таҳқиқиро муайян карда, маводди диссертатсия дар навиштани таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ёрӣ расонида метавонад.

Дар баробари ҳамаи муҳассаноти кори диссертатсионии муҳаққиқ дар он боз якчанд нуқсон ба чашм расид, ки инҳоянд:

1. Хулосаҳои илмии муҳаққиқ дар 30 банд ифода шудаанд, ки зиёд ба назар мерасанд (автореферат, с. 55-59). Метавон якчанд хулосаро маҷмуъ кард.
2. Дар вараҳқо номи истинод аз рақами як сар намешаванд (автореферат, ҳамаи вараҳқо). Яъне, маъхазҳо аз 1 сар карда, то 265 қатор оварда шудаанд. Бояд ҳар як саҳифа аз 1 сар шавад.

3. Дар бораи рӯзгори шоир каме иттилои муфассалтар лозим буд. Дар автореферати диссертатсия ҳамагӣ як сахат (иборат аз 4 ҷумла) дар бораи шахсияти шоир маълумот асту халос (автореферат, с. 55-59).

Дар умум, нуқсони мавҷударо метавон дар вақти чопи автореферат ва монография ба назар гирифт ва ислоҳи онҳо барои аҳаммияти илмию амалии бештари кори таҳқиқии Шарипов Ш.Р. заруранд.

Хулоса, диссертатсияи доктории **Шарипов Шариф Раҳмонович** дар мавзуи **«Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)”** ба ҳамаи талаботи бандҳои дахлдори “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз **рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик** сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи
хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд
ба номи Шароф Рашидов С.Саъдиев

Имзои С.Саъдиевро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Самарқанд
ба номи Шароф Рашидов И.Бӯриев

S. Sa'diyev ning imzosini tasdiqlayman 06.05.2024
Sharof Rashidov nomidagi SamDU xodimlar bo'limi boshlig'i

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY TA'LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI SHAROF RASHIDOV NOMIDAGI SAMARQAND DAVLAT UNIVERSITETI
XODIMLAR BO'LIMI

Нишонӣ: 734002, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
шаҳри Самарқанд, маҳаллаи Оқмасҷид, хонаи 24,
Тел.: (+998) 99 775 19 37: E-mail: sadiyevsadri@mail.ru